# СУР А ТМА ҶЛИСИ № 27

**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**24 сентябри соли 2025** ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои
диссертатсионӣ 14 нафар,
аз рӯйи ихтисос 4 нафар

24-уми сентябри соли 2025, соати 13:30 дар толори шурои дисссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-024 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: 16:00

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қ.Р.

**Котиби ҷаласа:** номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.

**Раиси шуро**: Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд тасдиқ гардида ва аз 31-уми майи соли 2024, таҳти №167/шд ба ҳайати он тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 14 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чи пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳед. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи такрории диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз

рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ. (илмҳои таърих).

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумӣ ва муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон омода шудааст

**Роҳбари илмӣ**: **Самиев Холаҳмад Давлатович** – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Сайидзода Зафар Шералӣ** – доктори илмҳои таърих, профессори Мудири шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ;

**Қудратов Компрон Абдунабиевич** – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

**Муассисаи пешбар**: Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

**БАРОМАД НАМУДАНД:**

1. **Раиси шуро:** доктори илмҳои таърих, профессор Расулиён Қ.Р.
2. **Котиби шуро:** номзади илмҳои таърих Умаров А.Қ.
3. **Унвонҷӯ:** Мамадқулова Рано Олимовна.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, докторони илмҳои таърих Муродова Н.С., Турсунов Т., Тиллоев С.С., Якубов Ю., Олимов М.А. ва Раҳимов Н.Т. мушаххас ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ Самиев Холаҳмад Давлатович – номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

1. Доктори илмҳои таърих, профессори Мудири шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Сайидзода Зафар Шералӣ;
2. Номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Қудратов Компрон Абдунабиевич;

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Доктори илмҳои таърих, профессор Мирзоев Н.М.;
2. Доктори илмҳои таърих, профессор Латифов Ҷ.Л.;
3. Доктори илмҳои таърих, профессор Муродова Н.С.;

4.Доктори илмҳои таърих, профессор Якубов Ю.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – профессорон Муродова Н.С., Тиллоев С.С. ва Турсунов Т.Х. интихоб гардиданд.

Аз 14 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуданд: аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 14 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намуданд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои диссертатсионӣ дар бораи ба Мамадқулова Рано Олимовна додани дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) қабул гардид.

**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-О24**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**24 сентябри соли 2025** **ш. Душанбе**

Суханронии Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи Иттиҳоди давлатҳои мустақили Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Сайидзода Зафар Шералӣ, – номзади илмҳои таърих, дотсент, мудири шуъбаи татбиқи натиҷаҳои илмии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Қудратов Комрон Абдунабиевич, муқарризони ғайрирасмӣ – докторони илмҳои таърих, профессорон – Мирзоев Н.М., Латифов

Ҷ.Л., Муродова Н.С. ва Якубов Ю.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Мамадқулова Рано Олимовна

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Мамадқулова Рано Олимовна дар мавзуи «Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Узбекистон дар замони истиқлолият (охири асри XX – аввали асри XXI): шароитҳо ва хусусиятҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамояд;
3. Ба Мамадқулова Рано Олимовна дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) дода шавад.
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати берунӣ (илмҳои таърих) ба Мамадқулова Рано Олимовна аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 14 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

**Раиси шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои таърих** **Расулиён Қ.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои таърих** **Умаров А.Қ.**

**24 сентябри соли 2025**